Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар мавзуи «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

Яке аз дастовардҳои муҳими миллати тоҷик дар масири таърих пеш аз ҳама каломи хунарии ӯ, яъне адабиёт аст, ки дар шакли назму наср манзур гардидааст. Адабиёти тоҷик дар тамоми давраҳои таърихии хеш на танҳо барои адабиёти миллӣ, балки баҳри ғанӣ гаштани саҳифаҳои адабиёти ҷаҳонӣ ҳам хизматҳои шоён адо намудааст. Ва, ба хушбахтӣ, ҳар давраи адабиёт бо сабку услуб ва анъанаву навпардозиҳои хоссае мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқ қарор доштааст. Дар тақвият ва рушди адабиёти тоҷик ва дар маҷмуъ, адабиёти ҷаҳон осори назмии адибони тоҷик ҷойгоҳи намоён дорад, ки дар тули беш аз ҳазор сол тавассути килки сеҳрофарини адибони хушзавқ эҷод гардидааст.

Адабиёти классики тоҷик камтар, вале шеъри муосири тоҷик аз сарчашмаҳои адабиёти ҷаҳон фаровон истифода намудааст. Ин адабиёт ҳамеша инъикосгари вазъи замон, сиёсату иҷтимоиёт, ормонҳои миллӣ будааст.

Вусъати мавзуъ ва навъовариҳои қолиби шеъри даврони Истиқлолияти давлатӣ аз давраҳои дигари таърихӣ,пеш аз ҳама дар фарогирии ормонҳои миллӣ ва истиқлоли андешаву гуфтор зоҳир мегардад. Яке аз мавзуъҳои меҳварии адабиёти ин давра ҳифзи арзишҳои миллӣ мебошад. Дар ин ҷода саф ва саҳми сухангустаронӯ сухансозони ҷавонони соҳибистеъдоду лаёқатманд дар афзун аст.

Мавзуи мавриди назар, ки аз ҷониби Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» пажӯҳиш шудааст, дар адабиётшиносӣ иқдоми судманд аст.

Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба арсаи адабиётдохил шуда бошад ҳам, дар жанрҳои гуногуни адабӣ хизматҳои намоён ба субут расонидааст.

Чунонки диссертант қайд менамояд, яке аз сабабҳои асосии ба таҳқиқи ин мавзуъ рӯй овардан ин аст, ки бо вуҷуди таълифи мақолаҳои мукаммал ва тақризи адабиётшиносон ва рӯйи чоп омадани силсилаосори адиб, аз қабили «Аз чашмасор омадам» (1997), «Намози мусофир» (2006), «Ҷӯйбори сари хирман» (2011), «Чархболи офтоб» (2011), «Девони ишқ» (2016) «Ояндаҳо» (2019) ва «Парвона зинда аст…» (2020), ҳамчунин тарҷума шудани намунаҳои ин осор ба забонҳои русӣ,

англисӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ то кунун дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом дода нашудааст.

Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Роҷеъ ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ диссертант қайд менамояд, ки дар диссертсия ҳолномаи адиб дар робита ба фаъолияти эҷодӣ ва мавзуъҳои асосии осораш, аз ҷумла шеърҳои ҷанбаи иҷтимоӣ дошта, тасвири зебогиҳои Ватан, гиромидошти арзишҳои миллӣ ва амсоли ин ба риштаи таҳқиқ кашида шудаст. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи диссертантро метавон дар раванди таснифи китобҳои дарсии адабиёт барои мактабҳои оливу миёнаи умумӣ, дар омода намудани дастурҳои таълимӣ, маводи ёрирасон, инчунин гузоришу мақолаҳои илмӣ ва методӣ истифода бурд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақриз шавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст, ки аз саҳми шахсии муаллиф дар самти омӯзиши мавзуи мазкур шаҳодат медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст масъалаи поэтикаи ашъори Озарахш, мазмуну муҳтаво, сабку забон осори ӯ, ҷойгоҳи адиб дар адабиёти имрӯзи тоҷикӣ мавриди таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии густарда қарор гирифтааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Р. Якобсон, Д. С. Лихачев, Маликушшуаро Баҳор, Шафеии Кадканӣ, Т. Зеҳнӣ, Х. Отахонова, У. Тойиров, Х. Шарифов, ва дигарон эҷодкорона ва ба маврид истифода шудаанд.

Хулосаи диссертатсия дар 16 банд баён шудааст, ки фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф мебошанд. Диссертант бо мақсади нишон додани эътимоднокии хулосаҳои илмӣ дар охири ҳар банд ба истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ руҷуъ кардааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ, ки матолиби меҳварии диссертатсияро ташкил намуда, аз 7 банд ибора аст, аҳаммияти калони илмӣ доранд.

Диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич аз муқаддима, се бобу сездаҳ фасл, се зерфасл, хулоса ва китобнома иборат буда, дар маҷмуъ,193 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Вобаста ба

фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи илмӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо низоми муқарар гардидаи навиштани диссертатсияҳои илмӣ шарҳу баён ва тавзеҳ ёфтаанд.

Боби якуми рисола «Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик» ном дошта, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби мазкур «Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ» фасли дувум «Вижагиҳои «Ватаннома» – и Озарахш», фасли савум «Тасвири отифии зодгоҳ дар шеъри шоир» ва фасли чаҳорум «Баррасии масоили мубрами ҷомеаи башарӣ дар шеъри Озарахш» номгузорӣ гардида, дар ҳар кадом фасли боб баҳри рушану возеҳ гардидани мавзуи таҳқиқшаванда таҳлил ва баррасиҳои шоёни илмӣ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла аз тарафи муаллифи диссертатсия зикр шудааст, ки «Шоири халқии Тоҷикистон Толиб Карими Озарахш аз адибони навпардозу суннатгаро аст, ки бо фаъолияти пурбору мондагори худ дар рушди адабиёти муосири тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Мавсуф дар ашъори суннатии хеш низ навпардозиҳои хос дорад» [Автореферат, саҳ. 9].

Дар боби мазкур дар баробари ҳунари волои шоирӣ аз фаъолияти драматургӣ ва сарояндагию оҳангсозии Озарахш сухан рафтааст. Диссертант кӯшиш намудааст, ки дар ин боб мақоми ӯро ҳамчун шоири соҳибзавқ дар адабиёти муосири тоҷик нишон диҳад.

Махсусан, тасвири зодгоҳ ва аз ҳамин зовия тасвири ватани биҳиштосо бо дидгоҳи замони кӯдакиву наврасии шоир хеле зебоиву дилнишин ва хотирмон аст.

Боби дуюми диссертатсия «Анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш» унвон гирифта, шомили панҷ фасл мебошад. Фасли якуми боби дуюм «Алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқӣ дар шеъри ӯ», фасли дуюм «Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш», фасли сеюм «Гиромидошти арзишҳои миллӣ дар шеъри Озарахш», фасли чаҳорум «Навпардозиҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ» ва фасли панҷум

«Навпардозиҳои шоир дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо» унвонгузорӣ шудааст. Аз ҷониби диссертант талоши бармало сохтани ҷойгоҳи мусиқӣ дар офариниши силсилашеърҳои адиб, ифода ва қадршиносӣ аз арзишҳои қадимаи миллӣ сухан ба миён овардан, ҳамчунин роҷеъ ба истеъдоди фавқулодаи Озарахш ҷиҳати навпардозӣ ва баёни сухани нав дар анвои шер ба назар мерасад. Диссертант дар хулосае аст, ки «Шеъре, ки дар таркиби худ мусиқӣ надорад, ба дилҳо роҳ ёфта наметавонад, яъне он гӯшнавозу руҳафзо нест» [Афтореферат, саҳ. 11].

Чуноне ки Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич зикр менамояд, гиромӣ доштану арҷгузорӣ намудан ба таърихи қадимаи миллат ва арзишҳои миллии хеш яке аз мавзуоти меҳварии эҷодиёти Озарахш аст. Воқеан, ин мавзуъро шоир дар шеърҳои «Шаби пеш аз Наврӯз», «Китоби офтоб», «Моҳи дарёӣ», «Сапеда», «Шаби пеш аз Наврӯз» ва «Тасвира» хеле ҷолиб ва ҷаззоб ифода намудааст.

Диссертант доир ба навпардозӣ ва навовариҳои Озарахш дар жанрҳои суннатӣ ва дар шеърҳои озод ва андешарезаҳо сухан ба миён оварда, доир ба маҳорати эҷодии ӯ дар эҷоди ғазал, рубоиву дубайтӣ ва шеъри озодро махсусан таъкид намудааст. Ҳамзамон, диссертант аз эҷодкорона иншо намудани навъҳои шеърии мазкурро таъкид месозад.

Боби сеюми диссертатсия **«**Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш**»** ном дошта, аз чор фаслу се зерфасл таркиб ёфта, метавон гуфт, ки яке аз бобҳои калидии диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич мебошад.

Дар фасли якуми боби мазкур доир ба «Вазни ашъори Озарахш», ки аз ду зерфасл «Нақши қофия дар ашъори шоир» ва «Радиф дар ашъори Озарахш» иборат мебошад, муаллиф доир ба авзони шеърҳои шоир, махсусан ғазалҳои ӯ маълумоти зарурии илмӣ овардааст.

Диссертант дар фаслҳои дуюму сеюм ва зерфасли сеюм доир ба тасвирҳо ва бозёфтҳои шоиронаи Озарахш ва истифодаи устокорона ва ба маврид аз санъатҳои бадеӣ, ки баъзан, бо воқеият гиреҳ хӯрда, яке аз сабабҳои тахаюлоти бою рангини ӯ ва асоси дилпазирӣ ва муассиргардидани офаридаҳои шоир мебошанд, зикр менамояд.

Фасли чоруми боби мазкур ба забон ва сабки фардии шоир бахшида шудааст. Дар хулосаи ин фасл диссертант қайд кардааст, ки шоир баҳри ҷаззобияти офаридаҳояш аз имконоти забонӣ васеъ истифода намудааст. Дар офаридани калима ва таркибҳои сохта ва мураккаб, ба андешаи диссертант, таъсир ва огаҳии комил доштан аз ашъори адибони гузашта, захираи забони зиндаи халқ, вожаҳои байналмилалӣ, ифодаву таркибҳои расмӣ-коргузориву журналистӣ ба мушоҳида мерасад.

Чун дар дигар корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар афтореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич дар баробари муваффақият-

ҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба андешаи инҷониб ислоҳи он ба манфиати корҳои таҳқиии минбаъдаи муаллиф хоҳанд шуд:

1. Дар фасли якуми боби аввал «Мақоми Озарахш дар адабиёти муосир ва мавзуоти ашъори ӯ» диссертант доир ба яке аз мавзуҳои асосии эҷодиёти шоир, яъне таваҷҷуҳ ба вазъи иҷтимоии замон сухан гуфта, чунин менависад: «Озарахш пеш аз ҳама, шоири иҷтимоъгаро буда, чун фарзанди замон ба тобишҳои иҷтимоии шеъраш таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд» [Афтореферат, саҳ 9]. Дар боби дуюм бошад, фасли алоҳидае таҳти унвони «Тобишҳои иҷтимоӣ дар ашъори Озарахш» мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба ҳамин монанд дар фасли аввали боби якум диссертант доир ба шахсият ва зиндагиномаи шоир сухан ба миён оварда, аз маҳорати сароядагию оҳангсозии ӯ ёдрас гардида менависад: «Озарахш бар замми шоиру нависанда будан, сароянда ва оҳангсози боистеъдод низ ҳаст» [Афтореферат, саҳ 9]. Дар фасли якуми боби дуюм, ки «Алоқаи суннатҳои овозхонӣ ва мусиқӣ дар шеъри ӯ» номгузорӣ шудааст, бори дигар аз фаъолияти оҳангсозӣ ва завқу салиқаи шоир ба мусиқӣ андешаронӣ намудааст.

Ба назари мо, хуб мебуд, агар диссертант мавзуҳои мазкурро дар як фасл мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Дар қавсҳои мураббаъ чанд шакли ишора ба адабиёти истифодагардида ба назар мерасад: [Озарахш, 2006, с.114]. (с.12); [Озарахш, ҶСХ, 2011, с.7]. ( с. 14); [Озарахш, ДИ, 2016, с.151] (с. 15).

3. Дар бахши «Асосҳои назариявии таҳқиқ» насабу номи муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардидаанд: Р. Якобсон, Д. С. Лихачев, В. М. Жирмунский, Фердинанд де Соссюр, Бигзаби, Азро Поунд, Маликушшуаро Баҳор, Ризо Бароҳанӣ, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Меҳрони Муҳоҷир, Зиё Муваҳҳид, Абдулқайюми Қавим, Турақул Зеҳнӣ, Хуршеда Отахонова, У. Тоиров, Х. Шарифов, А. Ҳаким, А. Сатторзода, Ю. Акбаров, Р. Ваҳҳоб. Хуб мебуд агар дар масъала низоми муайян риоя мегардид.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич ҳусни бештаре зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи

мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан, мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Асозода Ҳотам Раҷаб**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Рӯзигул Солеҳова, № 5.
Тел.: (8-33-22-2-26-99); +992 918633745.
E-mail: hamadoni@mail.ru
10-уми майи соли 2024.

**Имзои Асозода Ҳ. Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи**
**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел.: 2-35-06, 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj, www.kgu.tj
10-уми майи соли 2024.